чоршанбе \ 20 феврали соли 2013 \ Фараж № 8 (325)



**Дар Тоҷикистон ҳангоми барпо намудани оила чизи аз ҳама муҳим - ин бокира будани наварӯс ба ҳисоб меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе мавридҳо сабаби асосии дар кӯтоҳтарин муддат ҷудо шудани навхонадорон маҳз бокира набудани наварӯсон мебошад. Ба ҳамин хотир, барқарор намудани бакорат дар кишвар ба қавле як навъ "бизнес" ("тиҷорат" )шудааст. Аз ин рӯ, баъзан қисме аз духтарҳо кӯшиш мекунанд, ки бо кадом арзише набошад, бакорати худро барқарор намоянд. Ин ҳам дар ҳолест, ки қонунгузории амалкунандаи кишвар барои анҷом додани чунин ҷарроҳӣ ба табибон танҳо дар ҳолати садама гирифтани пардаи бакорати духтар, иҷозат медиҳад.**

# "БИЗНЕС"-И БАКОРАТ

## Пардаи бакорат чӣ арзиш дорад?

Вақте масъалаи барқарор кардани пардаи бакорат пеш меояд, бештари одамон ба кафолат доштан ё надоштани барқарории парда ва нархи он диққат медиҳанд. Нархи барқарор кардани пардаи бакорат аз кафолати он вобаста аст. Яъне дар барқарор кардани пардаи бакорати духтарӣ ду чиз муҳим аст: маблағ ва кафолат.

Барои муайян кардани нархи барқарор кардани пардаи бакорат, бояд бевосита тадқиқоти журналистӣ анҷом дода мешуд ва дар рафти он аз усули озмоиш (эксперимент) истифода гардид. Аз ин сабаб, мо аввал чанд беморхонаро тахмин задем, ки барои гузаронидани эксперименти худ ба он ҷо бояд равем. Ҳамчунин як нафар занеро пайдо кардем, ки дар ин кор ба мо кӯмак мекард. Ӯро чун нафаре, ки мехоҳад пардаи бакораташро барқарор кунад, муаррифӣ кардем ва духтур бояд пардаи бакорати ӯро барқарор мекард.

Аввалан мо ба беморхонаи марказии ноҳияи Рӯдакӣ рафтем, аммо дар сафари аввал мутаассифона, ба мо муяссар нашуд, ки маблағи барқарор кардани пардаи бакоратро ба таври дақиқ муайян кунем. Маълум гардид, ки бо духтур "хуб" сӯҳбат карда натавонистаем, зеро ҳангоми баргаштан, дар назди дарвозаи беморхона, бо ходими хурди тиббие (санитар) ҳамсӯҳбат шудем, ки ӯ ба мо тарзи "дуруст муроҷиат" карданро ёд дод.

Рӯзи дигар боз ба ҳамон беморхона рафта, бо Гуландом (ном иваз шудааст,- муаллиф) ном духтур мулоқот кардем. Пас аз ҳолпурсиву шиносоӣ, ба ӯ матлабамонро изҳор доштем: "Духтари холаам шавҳар карданӣ, аммо мехоҳад бакорати худро барқарор кунад, шумо ба мо кӯмак карда метавонед?".

Духтур мисле, ки аз чизе сахт тарсида бошад авзояш беҷо гардид ва пурсид: "Росташро гӯед, кӣ шуморо ба назди ман равон кард?".

Чун аз мо посухи дилхоҳашро нашунид, "мо ин хел корҳоро намекунем" гуфта, аз утоқ баромад. Он ходими хурди тиббие, ки чанд рӯз пештар дар назди дарвозаи беморхона сӯҳбат карда будем, иброз дошт, ки беҳтар мешавад агар ягон рӯзи дигар омада, бо мудири ягон шӯъба маслиҳат кунем. Ба гуфтаи ӯ духтурони оддӣ бе рухсати мудири шӯъба ин корро карда наметавонанд.

Маротиба дуюм, мо ба Поликлиникаи марказии ноҳияи Рӯдакӣ муроҷит кардем. Ин маротиб ҳам нархи ҷарроҳии мазкурро муайян карда натавонистем. Духтури пайдокардаи мо барои гузаронидани ҷарроҳӣ розӣ шуда буд, аммо вақте дар бораи маблағи барқарор кардани пардаи бакорат пурсидем, духтур Малика (ном иваз карда шудааст,- муаллиф) гуфт, ки танҳо пас аз дидани духтар нархи ҷарроҳиро мегӯям. Малика бе парво гап мезад ва аз куҷо будани "арӯсу домод" ва санаи тӯйро пурсида, таъкид намуд, ки агар "арӯсро рӯзи якшанбе бурданӣ бошанд, рӯзи шанбе бояд бакораташро барқарор кард, зеро, агар рӯзи панҷшанбе ё ҷумъа ҷарроҳӣ сурат бигирад, боз кушода шуданаш мумкин аст". Аммо, ин дафъа низ натавонистем маблағи ин ҷарроҳиро муайян кунем.

13 октябри соли 2012. Як занро ба беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав бурдем. Зане, ки бояд пардаи бакораташро барқарор мекардем, шавҳар дошт, ҳатто як маротиба бинобар бемор буданаш, сақти ҳамл карда буд. Мақсади асосии мо, дар асл, на барқарор кардани пардаи бакорат, балки муайян кардани нарх ва усули барқароркунии он буд. Ба беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав рафта, ба як ҳамшира муроҷиат намудем, ӯ гуфт, ки ин корро анҷом намедиҳад ва тавсия намуд, ки ба ягон нафари дигар муроҷиат кунем. Мо ба шӯъбаи дигари беморхона рафтем ва бо як зане, ки он ҷо кор мекард, муроҷиат намуда, гуфтем: "Барои мо ягон гинекологи хуб лозим. Ин духтаре, ки ҳамроҳамон аст, бо бародарам "муносибатҳои шахсӣ" доштанд. Бародари ман бошад, соҳиби зану фарзанд аст. Духтар пас аз ду рӯз тӯй дорад".

Зан, ки корманди беморхона буд, идомаи сухани маро гӯш накарда, "ҳа, фаҳмо, камтар сабр кунед, бароятон як нафари хуброи меёбам" гуфт ва ба даруни бино даромад. Пас аз чанд лаҳза, ҳамроҳи як ҳамшира наздамон омад. Ҳамшира "чӣ хизмат" гуфта, пурсид. Мо худро мисли корафтодагон нишон дода, бо як чеҳраи ғамгинона ба ҳамшира мақсадамонро баён кардем. Ҳамшира, ки номашро шартан Адолат мегӯем, гуфт, ки ин корро мекунад, аммо нархаш қимат аст ва пулашро нақд мегирад. Мо ҳам барои аз даст надодани имконият бо ӯ, ба қавле "савдо" накардем ва аз ӯ нархи "хизмат"-ашро пурсидем.

- 200 доллар мешавад, ба духтур занг занам?,- гӯём суол дод ва боз илова намуд,- вай ҳозир ба як маърака рафтааст у шояд дертар меояд.

Адолат таъкид кард, ки то гузаштани ҷарроҳӣ "арӯс" чизе истеъмол накунад. Зеро ҳангоми гузаронидани ҷарроҳӣ шояд дилаш беҳузур шавад.

Санам - номи шартии занест, ки мо ӯро барои барқарор кардани пардаи бакорат ба назди духтур бурдем. Шахсияти Санамро пинҳон нигоҳ медорем ва барои маълумот ҳамин қадар гуфта метавонем, ки ӯро мо барои кӯмак киро карда будем. Ӯ аз мақсади мо огоҳ буд ва розӣ шуд, ки ба мо кӯмак кунад.

Тақрибан пас аз як соат Адолат занг зада, аз духтур хоҳиш кард, ки тезтар биёяд. Ҳамшира таъкид мекард, то ба духтур нагӯем, ки Санам бо бародари ман алоқа доштааст. "Зеро, -гуфт ӯ, -дар ин ҳол духтур аз 500 доллар кам намегирад". Вай пешниҳод кард, то ба духтур бигӯем, ки мо ҳамсояи модари худи ӯ ҳастем ва Санам таҷовуз шудааст ва боз худаш илова кард, ки магар беҳтар нест, ки гуфтаи ӯро кунему аз пардохтани 500 доллар сарфа намоем.

Маълум шуд, ки барои як ҷарроҳӣ чӣ миқдор маблағ меситонанд. Аммо маблағи муайян нест ва он метавонад тағйир хӯрад. Гузаронидани ин намуди ҷарроҳӣ аз 100 доллар то ба 500 доллар мерсад. Масалан, нафаре, ки дар яке аз таваллудхонаҳои пойтахт кор мекунад ва ҳангоми гузаронидани тадқиқот бевосита шоҳиди барқарор кардани пардаи бакорат гаштааст, дар сӯҳбат ба мо гуфт, ки дугонааашро ба воситаи як шиносаш бо 100 доллар ҷарроҳӣ карданд.

Ӯ гуфт: "Дар асл бошад нархи барқарор кардани пардаи бакорат аз 200 - 300 доллар кам нест. Баъзе мавридҳое мешаванд, ки духтарҳо ҳамон рӯз бо худ маблағи кофӣ намеоранд ва маҷбур мешаванд, ки барои барқарор кардани пардаи бакорати худ, тиллориҳои худро ба духтурҳо диҳанд. Барои онҳо аз ҳама муҳим аз "имтиҳон" гузаштан аст, на чизи дигар. Дар ин гуна мавридҳо духтарҳо ба ҳама гуна шартҳои духтурон розӣ мешаванд".

## "Ҷарроҳӣ" чӣ қадар давом мекунад?

Аслан кормандони соҳаи тиб мегӯянд, ки аз ҳама ҷарроҳии осон, ҷарроҳии кӯррӯда (аппендицит) аст, аммо ҳангоми гузаронидани тадқиқоти журналистӣ маълум шуд, ки барқарор кардани пардаи бакорат низ хело осон буда, вақти камро мегирифтааст.

Ҳангоме то омадани духтур бо ҳамшира сӯҳбат мекардем, ӯ иброз дошт, ки ин кори осон аст ва бештари духтаронро бидуни маводи мадҳушкунанда (наркоз) ҷарроҳӣ мекунанд. Танҳо баъзе ҳолатҳое мешаванд, ки духтарҳо тоқат карда наметавонанду ба онҳо наркоз медиҳанд. Вақте мо бо ҳамшира саволу ҷавоб мекардем, духтур занг зада, дар назди беморхона буданашро таъкид кард. Адолат (ҳамшира) бошад, аз мо 200 долларро нақд гирифта, ба Санам гуфт, ки "духтур бисёр дағал гап мезанад, лекин ту аҳамият надеҳ" ва ӯро ба назди духтур даровард. Мо интизори Санам истода будем, ки ногоҳ ҳамшира занг зада, "як бинт харида биёред" гуфт. Бинтро бурдему ба соат нигаристем. Соат 13:15 дақиқа буд, ки Санамро барои ҷарроҳӣ ба утоқе даровrouteанд.

Соати 13:49 ҳамшира ба ман занг зада, ба қавле шодиёна гирифта ва гуфт: "Агар хафа нашавед 10 сомонӣ барои ману 10 сомонии дигар ҳақи ходими хурди тиббиро диҳед". Мо чизе нагуфта, 20 сомонии дигар дароз кардем. Ҳамшира бошад ба Санам таъкид кард, ки "дар ҳолати хунрав шуданаш ба духтур муроҷиат накунад. Фақат бинтро дар спирт тар карда монаду халос. Агар мабодо ӯро ба назди духтур баранд ҳам, бо худ ҳатман маблағ бигирад ва онро ба киссаи духтур бимонад, то сирашро фош накунад".

Умуман дар муддати 34 дақиқа пардаи бакоратро барқарор кардан мумкин будааст.

## Ин ҷарроҳӣ кафолат дорад ё не?

Гарчанде мегӯянд, ки ҷарроҳии 500-доллара бо лазер гузаронида мешаваду то ду моҳ кафолат дорад, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки ин гапҳо умуман асоси воқеӣ надоранд. Зеро вақте ба беморхонаи марказии ноҳияи Рӯдакӣ муроҷиат кардем, духтур иброз дошт, ки агар занро ду-се рӯз пештар барем, ягон хел кафолат намедиҳад. Ба гуфти ӯ бояд як рӯз пеш аз тӯй духтарро ҷарроҳӣ кунанд, то кафолат дода тавонанд. Аммо ин ҳам пас аз ташхиси худи духтур муайян мешавад. Яъне вобаста ба шакли вайрон шудани пардаи бакорат аст. Духтури Поликлиникаи ноҳияи Рудакӣ зимни сӯҳбат ба мо иброз дошт, ки на ҳар касро ҷарроҳӣ мекунад. Ӯ иқрор шуд, ки тахминан 10 нафар аз шиносҳояшро ҷарроҳӣ кардааст, ки ба қавли худаш, ҳамааш "имтиҳон"-ро ба хубӣ паси сар кардаанд.

Дар беморхонаи ноҳияи Шаҳринав, вақте зани бо худ бурдаи мо - Санам аз Адолат дар хусуси чанд рӯз кафолат доштани ҷарроҳӣ пурсид, ҳамшира посух дод, ки ин аз худат вобаста аст: "Агар бо эҳтиёт нишасту хез кунӣ то 10-20 рӯз кафолат дорад. Дар бештари мавридҳо дӯхтаҳо аз зиёд нишастану хестан кушода мешаванд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, кӯшиш кун, тамоми воситаро истифода бару дар шаби аввал бо домод хоб рав! Ба духтур дар бораи кафолат доштан ё надоштан гап назан, ки ӯ ин корро ба гардан намегирад. Арӯс бо эҳтиёт ва нози арӯсӣ шишту хез мекунад".

## Андешаҳои Санам баъди "ҷарроҳӣ"

Санам пас аз баромадан аз ҷарроҳӣ қайд кард, ки гӯё мурдааст: "Ҳушам рафту духтур парвое надошт. Фақат камтар об ба рӯям пошиданду халос. Вақте ба ҳуш омадам, ҳамшира аз ҳолам бо ҳаяҷон пурсон шуд, аммо духтур "ин хел духтарҳоро бало намезанад" гуфта, ӯро ором кард. Пас аз ҳар як сӯзан задан, дилам беҳузур мешуд".

Санам нақл кард, ки вақте вориди утоқи

PDF created with FinePrint pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

ҷарроҳӣ шуд, духтур аввал аз кӯҷо ва сабаби бокира набуданашро пурсон шудааст. Ӯ ҳамаи он суханоне, ки ҳамшира Адолат гуфта буд, такрор кардааст: "Баъдан таваллуд ё исқоти ҳамл кардану накарданамро ҳам духтур пурсон шуд. Вақте гуфтам, "не исқоти ҳамл накардаам", духтур шӯрид ва гуфт, ки чаро дурӯғ мегӯӣ. "Ту исқоти ҳамл кардаӣ",- гуфта, тарафам нигоҳи аҷибе намуд ва "боз ҳомиладор набошӣ, ки шарманда шавем?",- гӯён дуюмбора пурсид. Баъдан, "Худо бахти сафедат диҳад!",- гӯён корро оғоз кард".

## Ҳукми бокира аз нигоҳи ислом

Азбаски аксари мардуми мо мусалмон ҳастанду бакорат ифодакунандаи покдомании зан ба ҳисоб меравад, ин ҷо назари намояндаҳои исломро ҳам овардан зарур шуморидем. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, яке аз рӯҳониёни маъруф ва собиқ қозии кишвар, дар мавриди ҳикматҳои бакорат аз нигоҳи ислом чунин ибрози ақида намуд: "Дар ислом бакорат як ҳикмате дорад. Он пеш аз ҳама покдомании духтарро ифода мекунад. Дар шариат духтари бокира ҳуқуқҳои муайяне дораду зани шавҳар карда ҳуқуқҳои дигар. Хулоса, бакорат ифодакунандаи он аст, ки ҳамон духтар бо марде алоқаи ҷинсӣ кардааст ё не".

дааст. Ҳамон шаб аз тарси зиёд ба хона нарафтам. Саҳар вақте ба хона рафтам падару апаам маро ҷанг карданд. Қасам доданд, ки ба ту чизе шудаасту моро намегӯӣ. Ман бошам аз тарс барои чизе нагуфтани онҳо бо китоби Қуръон қасам хӯрдам. Он мард ба хонаамон хостгор равон кард. Лекин апаам барои зани дуюм шуданам розӣ нашуд. Аз байн як сол гузашт, ки ҳамон мард ба садамаи нақлиётӣ дучор гардида, фавтид".

Нисо мегӯяд, пас аз ин ҳодиса аз тарси зиёд то синни 27-солагӣ шавҳар карда натавонистааст. Ҳар хостгоре, ки мебаромадааст, бо баҳонаҳои гуногун рад менамудааст, ки билохира тоқаташ тоқ шуда ба дугонаш воқеаро нақл кардааст. Дугонаш ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки барои шавҳар кардан розӣ шавад, аммо пеш аз тӯй рафта пардаи бакораташро барқарор кунад. Нисо дар синнӣ 27-солагӣ оиладор мешавад ва қабл аз тӯй рафта бо 100 доллар, дар беморхонаи ноҳияи Ҳисор, пардаи бакорати худро барқарор мекунад".

Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода дар ин маврид низ андешаашро баён намуд: "Вақте духтар таҷовуз мешавад, ин кори дигар аст. Аллакай маъзур мешавад. Дар чунин маврид духтар гунаҳкор нест. Аммо ҳангоме духтар шавҳар карданӣ мешавад, падару модар ё худи духтар набояд ин сирро пӯшонанд. Бояд ба хостгор бигӯянд, ки духтари мо ба ҳамин фалокат рӯ ба рӯ буд. Агар шумо бо ҳамин воқеияти талхе, ки болои сараш омад, келин ё ҳамсар карданӣ бошед, бигиред. Зеро ин ҷо масъалаи молиявию нафсӣ аст, ки баъд аз никоҳ ба ҷо овардани он ба зиммаи шавҳар бор мешавад. Бинобар ин, агар ӯро фиреб кунанд, мувофиқи шариат гуноҳи кабира аст. Хулоса бояд ҳама камбудиҳоро бигӯянд. Ҳатто агар духтар беморие дошта бошад, онро низ бигӯянд".

ки ӯ нодухтар аст. Аммо он марде, ки бакорати духтарро вайрон кардааст, духтарро дар танҳоӣ мепартояд".

Тавре аз сӯҳбат бо ҳуқуқшиносон маълум гардид, новобаста ба он, ки духтар бокира аст ё не, ҳеҷ кас ҳуқуқи ба ӯ расонидани зарарҳои ҷисмониро надорад ва барои ин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Аз он ҷумла ҷавон низ ҳуқуқ надорад, ки нисбат ба духтари бокираашро гум карда, зарари ҷисмонӣ расонад. Танҳо метавонад тариқи қонунӣ аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя кунад.

## Чӣ тавр муайян мешавад, ки "арӯс" бокира аст?

Аз ҳама чизи муҳиме, ки ҳар як ҷавон донистан мехоҳад, ин воқеан ҳам духтар будан ё набудани арӯсаш мебошад. Ҳар як мард донистан мехоҳад, ки чӣ тавр ин чизро аниқ кунанд. Аммо ин чиз на ҳамеша ба онҳо муяссар мешавад. Тавре ҳамширеи беморхонаи Шаҳринав иброз дошт, дар 95%-и ҳолатҳо ҷавонон намефаҳманд, ки духтар бакораташро гум кардаву аз нав барқарор кардааст. Сабаби ин дар чӣ аст, бароямон рӯшан нашуд. Шояд дар он бошад, ки духтурон ба духтарҳо барои фош нашудани асрорашон роҳҳои гуногунро мефаҳмонанд.

## Табибон ҳам ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд?

Абдураҳмон Шарипов ва Шоира Давлатова ба саволи мо, ки "духтури барқароркунандаи пардаи бакорат ба ҷавобгарӣ кашида мешавад ё не?" чунин посух доданд: "Пеш аз ҳама аниқ кардан лозим аст, ки вайрон будани бакорат бо сабабҳои беморӣ буд ё не. Бо кадом мақсад пардаи бакорат барқарор карда мешавад? Албатта ҳамаи ин чизҳо аниқ карда мешаванд".

Ҳамчунин суолҳои дигаре пайдо мешавад, ки оё духтурон барои барқарор кардани пардаи бокира хизмати ройгон мерасонанд ё аз рӯйи ягон нархномаи Вазорати тандурустӣ тасдиқшуда, музди хизматашонро талаб мекунанд? Оё барои анҷом додани ин кор духтурон иҷозатномаи Вазорати тандурустиро доранд? Оё анҷом додани чунин ҷарроҳӣ ба ҳама духтурон иҷоза дода шудааст? Оё барқарор кардани бокира ба доираи гурӯҳи амалҳои тиббии иҷозатдодашуда дохил мешавад ё не? Агар барқарор кардани бакорат ба доираи гурӯҳи амалҳои тиббии иҷозатдодашуда дохил набошад ва болои ин музди пулӣ аз ҷониби духтурон гирифта шавад, он гоҳ ин кирдор ҳамчун ҷинояти дорои характери коррупсионӣ дошта, эътироф мегардад. Агар чунин амали духтурон ошкор карда шавад, нисбаташон бояд санҷиши прокурорӣ гузаронида шуда, пасон аз ҷониби муфатишон қарори қонунӣ қабул карда шавад.

# ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ҳангоми сӯҳбат зикр намуд, ки шариат ҳам тасдиқ мекунад, ки баъзе ҳолатҳое мешаванд, ки пардаи бакорати духтар бо сабабҳои беморӣ ё афтидан аз ҷойи ноқулай зоил мешавад. Вале дар ин маврид мутахассисҳои махсус ҳукм мебароранд. Ба гуфти ӯ солҳои пеш занҳои солхӯрдаи махсус буданд, ки дар ин гуна ҳолатҳо ҳукм мебароварданд: "Агар гуноҳи духтар аз тарафи шоҳидҳо тасдиқ нашавад, ҳукмаш мисли духтари бокира хоҳад монд, агарчанде бокира нест. Шариат дар ин маврид ҳукми ӯро ғайри зинокор мебарорад ва ихтиёр ба дасти шавҳараш аст. Хоҳад бо зан зиндагӣ мекунад, нахоҳад не".

Инчунин дар раванди сӯҳбат Тӯраҷонзода дар мавриди ҳукми ислом ҳангоми зино кардани одамон чунин ибрози андеша намуд: "Ҳангоме ки духтару писари ҳанӯз оиладор нашуда зино кунанд, ба ҳардуи онҳо сад дарра дар назди мардум зада мешавад. Ба онҳо ҷазои физикӣ не, маънавӣ медиҳанд. Зеро дарра дар таълимоти исломӣ асбоби ҷазодиҳӣ нест. Ҳангоми ҷазо додан дасту оринҷ бояд аз ҷасади ҷазогиранда боло набошад. Яъне ҳангоми дарра задан агар он нафар хобида бошад, бояд оринҷи дастро дар замин монда, баъд бизанӣ. Лекин агар зани шавҳардор ё марди зандор зино кунад, ҳукмаш қатл аст. Боз қатли бисёр душвор ва ин ҳукми ислом аст, ба завқу меъёрҳои имрӯза мувофиқат мекунад ё не, ихтиёри ҳар шахс аст".

## Таҷовузшуда чӣ бояд кунад?

Дар ҷомеа баробари он духтарҳое, ки бо нархи гарон пардаи бакорати хешро мефурӯшанд ё бо дӯстписарашон ишқварзӣ мекунанд, боз кам нестанд духтарҳое, ки бо сабаби беморӣ ё таҷовуз ба номусашон бакорати хешро аз даст медиҳанд. Нисо зане ҳаст, ки бо сабаби таҷовуз шуданаш наметавонист шавҳар кунад. Ӯ ҳангоми дар синфи 7-ум хонданаш аз модар маҳрум мегардад ва бо сабаби мушкил гардидани вазъи иқтисодии оилаашон ба яке аз заводҳои нӯшокии ноҳияи Ҳисор ба кор медарояд.

"Вақте 17 сол доштам, як рӯз раисамон аз кор дер ҷавоб дод. Маҷбур шудам бо таксӣ хона равам. Дар роҳ як мошинро манъ кардам. Ронанда ба ман ҳар хел таклифҳои ноҷо менамуд, ӯ гумон мекард, ки ман духтари сабукпоям. Бинобар ин ба ӯ гапи сахт гуфтам, ки қаҳраш омад ва як мушт ба рӯйям зад. Аз хуш рафтам. Вақте ба худ омадам дидам, ки ҳамон мард бар болои сарам аз тарс вуҷудаш меларзад. Маро таҷовуз кар-

Абдураҳмон Шарипов, муовини директори Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон" ин масъаларо аз нуқтаи назари қонунгузории кишвар шарҳ дода, чунин гуфт: "Пеш аз никоҳ оид ба вайрон будани бокирагӣ хабардор кардани домодшаванда бештар ба масъалаи муносибати ду ҷавон марбут мебошад ва мувофиқи моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, … ҳалли масъалҳои дохили оилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, сурат мегиранд".

## Дар ҳолати бокира набудани духтар қонун чӣ мегӯяд?

Вақте пас аз тӯй арӯс бокира намебарояд, аз ҷониби домод, баъзан мавриди лату кӯб қарор мегирад. Баъзан кор то ба суду прокуратура мерасад. Абдураҳмон Шарипов қайд мекунад, ки барои бокира набудани духтари ба балоғат расида, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати худи духтар, ягон намуди ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст: "Вақте духтар ба балоғат мерасад ва бо розигии ӯ бакораташ вайрон мегардад, нисбати худи духтар ва ё он марде, ки интихоби худи духтар буд, ягон ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст. Аммо дар ҳолате, ки пардаи бакорати духтар бо роҳи таҷовуз вайрон карда мешавад ва ё духтаре, ки ҳанӯз синнаш ба никоҳ нарасидааст, дар асоси моддаҳои 138 ва 141 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсе, ки ин кирдорро содир кардааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат духтар ҳамчун ҷабрдида эътироф карда мешавад".

Шоира Давлатова, ҳамоҳангсози лоиҳаи "Расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба намояндагони ВАО" низ ин суханони Абдураҳмон Шариповро тасдиқ карда, бокира набудани духтари келиншавандаро ба таъсирҳои менталитети мардуми таҳҷоӣ, хусусан мардуми шарқ чун ҳодисаи ниҳоят нанговар маънидод мекунад.

Ӯ гуфт: "Барои ҷавонписарон аҳамият надорад, ки дар кадом ҳолат духтар аз бакорат маҳрум гаштааст. Барои ӯ муҳим он аст,

## Бехабарӣ аз ислом ё "бизнес"?

Сабаби зиёд шудани духтароне, ки бокира нестанду то пайдо шудани хостгорҳо ба айшу ишрат машғул мешаванд, ҳар кас ҳар гуна маънидод мекунад. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода сабабҳои асосии инро дар бехабарии мардум аз ислом медонад. Ӯ мегӯяд, ки занҳои мо маҳрумтарин қишр дар масъалаи дастрасӣ пайдо кардан ба аҳкоми исломӣ мебошанд: "Идеологҳои ҳукумати мо мегӯянд, ки зан бояд дар хонааш намоз хонад. Дар хона ба ӯ бечора кӣ аҳкоми динашро омӯзонад? Оё ҳама падарону модарон истеъдоди ба хонаводаву фарзандонашон омӯзонидани аҳкомҳои исломиро доранд? Бовар дорам, ки 80 - 90 фисади мардҳои мо худашон аз ислом хабаре надоранд. Имрӯз баъзеҳо ҳатто шаш калимаи динӣ, ки рукни имон аст, намедонанд", - гуфт собиқ қозии кишвар.

Гарчи Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода сабаби рӯз аз рӯз зиёд шудани ин гуна духтаронро дар дурӣ аз аҳкоми исломӣ маънидод карда бошад ҳам, боз гурӯҳи дигар бар он назаранд, ки сабаби зиёд шудани чунин духтарҳо, маҳз ба тиҷорат табдил ёфтани бокирагӣ дар Тоҷикистон мебошад. Яъне духтарҳо дилпуранд, ки бо ҳар гуна роҳу воситаи дигар, метавонанд аз "имтиҳони" шавҳарони хеш гузаранд. Масалан, як нафар аз кормандони соҳаи тиб, ки нахост номашро зикр кунем, дар сӯҳбат бо мо гуфт, ки дар мавсими тӯйҳо, рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа, бо ин масъала ба духтурон хеле зиёд муроҷиат мекунанд: "Ҳолатҳое мешаванд, ки дар як ҳафта пардаи бакорати 7-8 нафарро барқарор мекунем ва мисли ман дар беморхонаҳо боз чандин духтурони дигаре низ ҳастанд, ки ин корро мекунанд".

Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода низ ба ин масъала таваҷҷӯҳ карда мегӯяд: "Дар сомонаи "Озодӣ" хондам, ки як депутат садо баланд кардааст, ки дар шаҳри Қурғонтеппа рӯз аз рӯз синну соли фоҳишаҳо ҷавон шуда истодаанд. Ин ҳолатҳо дар деҳаҳои мо низ дида мешаванд. Айни замон арзонтарин зино дар ҷаҳон, дар Тоҷикистон аст. Дар ноҳияву деҳаҳои атроф арзиши зино 15-20 сомонӣ аст. Мо мегӯем шоҳи Афғонистон фалон қадар зан доштааст. Агар диққат диҳем, айни замон як ҷавон метавонад дар як моҳ ба миқдори даҳсола зане, ки амири Бухоро ҳамхоба шуда буд, алоқа кунад. Сабаби ҳамаи ин аз надоштани таълимоти исломӣ аст. Боз Ҳукумат дар Кодекси ҷиноятӣ тағйирот ворид кард, ки танҳо дар масҷид таблиғи дин мумкин аст. Яъне дар хона ҳам дигар тарғиби динӣ мумкин нест".

## Ин ҷарроҳӣ ба саломатии зану мард зарар дорад?

Ростӣ, мо хостем маҳз ба ҳамин савол аз ҷониби намояндагони соҳаи тиб посух гирем, вале сабаб дар чӣ буд, ки кормандони соҳаи мазкур аз ибрози назари хеш худдорӣ карданд. Мо ба Шамсиддин Қурбонов, сардухтури таваллудхонаи №1-и пойтахт муроҷиат кардем, ӯ аз ибрози андеша сари ин масъала дар матбуот худдорӣ кард. Моро низ таъкид менамуд, ки ин мавзӯъро рӯйи саҳфаи матбуот овардан чандон хуб нест. Бинобар ин, мо маҷбур шудем ба шӯъбаи гинекологияи таваллудхонаи №3 муроҷиат кунем. Мудири ин шӯъба Сайёра Исоевна ба мо гуфт, ки бо ин хел корҳо умуман сару кор намегиранд. Агар дар ин маврид маълумоте медошт, ҳатман ба саволамон посух медод. Пас аз муроҷиат ба таваллудхонаи №3 мо ба духтури занонаи маркази саломатии №5-и пойтахт Сарахоноба Маҳтовбӣ муроҷиат кардем. Гарчанде, духтури занонаи ин маркази саломатӣ ба мо ваъдаи шарҳ доданро кард, аммо намедонам бо кадом сабаб, ҳангоми сӯҳбати телефонӣ гуфт, ки "мебахшед, ман дар ин бора ҳеҷ чиз гуфта наметавонам". Ҳамин тавр мо ба Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ муроҷиат кардем, ки Раҳматуллоев Ш. сардори Раёсати хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила чунин посух дод: "Не зарар надорад". Ҳамзамон мавсуф зикр намуд, ки "Ин амалиёт берун аз муассисаҳои тиббӣ гузаронида мешавад ва риоя накардани қоидаи асептикӣ гирифтори вирус шуда метавонад". Инчунин Раҳматуллоев Ш. дар мавриди дар кадом ҳолат ба духтурон иҷозати гузаронидани чунин амалиёт дода шудааст чунин гуфт: "Дар ҳолати садама гирифтани пардаи бакорат".

Хулоса, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки шумораи духтарони бакорати худро аз дастдода ва ҳатто мефурӯхта, зиёд шуда истодаанд. Ин дар навбати худ шумораи амалиётҳои ҷарроҳии барқароркунии пардаи бакоратро меафзояд. Ҳамин тавр ин намуд амалиёти ҷарроҳӣ, ки бояд дар ҷомеаи мусалмонии Тоҷикистон қариб ки вуҷуд надошта бошад, ба як нав тиҷорат табдил ёфта ва доираҳои муайян аз он манфиат мебинанд. Аммо дар байни ҷавони фиребхӯрда мемонад, ки дар ягон қонун тарзи вокуниши ӯ ба чунин ҳолат шарҳ дода нашудааст.

**Ганҷина ГАНҶОВА,**

*Мавод дар доираи лоиҳаи SCOOP, ки ба тадқиқоти журналистӣ машғул аст, таҳия ва нашр шудааст.*

PDF created with FinePrint pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com